**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст (Душанбе, 2024. – 30 саҳ.).**

Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 марҳилаи навро дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ замина гузошт. Аз ҷониби дигар ҳуқуқҳои бунёдии инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба меҳнат дар Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода шуд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин принсипҳои муҳимро дар соҳаи меҳнат, аз қабили озодии меҳнат, манъи меҳнати маҷбурӣ, муҳайё намудани шароити мусоиди меҳнатро тақвият мебахшад.

Дар баробари ин, ҷомеаи ҷаҳонӣ дар айни замон ба таъмин ва ҳифзи ҳуқуқ ба меҳнат таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунад. Як қатор санадҳои байналмилалии дорои меъёрҳои меҳнат аз ҷониби мақомоти асосӣ ва махсуси СММ таҳия ва қабул карда шудаанд, ки дар маҷмуъ стандартҳои байналмилалиро дар соҳаи таъмини ҳуқуқ ба меҳнат ташкил медиҳанд. Ин муқаррарот дар Конститутсия ва қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бараъло инъикос ёфтааст. Бо вуҷуди ин, дар муносибатҳои меҳнатӣ проблемаи таъмини озодии меҳнат, манъи меҳнати маҷбурӣ ва табъиз дар ин соҳа, муқаррар ва татбиқи намудҳои алоҳидаи ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар соҳаи меҳнат, ки бо консепсияи умумии ҳуқуқи конститутсионӣ ба меҳнат муттаҳид шудаанд, боқӣ мондааст.

Пажуҳишгар масъалаҳои мубрами назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии мавзуи мавриди матраҳро баррасӣ намуда, мафҳуми ҳуқуқи шахс ба меҳнатро ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ ба таври зайл баён намудааст: ин ҳуқуқест, ки аз ҷониби давлат дар асоси баёни озоди шахс, имконияти ӯро баҳри амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ дар шаклҳои муқаррарнамудаи қонун, ки бо низоми кафолатҳои давлатии дар қонунгузорӣ муқаррар шудааст, таъмин карда мешавад. Ҳуқуқ ба меҳнатро дар фаҳмиши болозикр тавсиф намуда, диссертант қайд менамояд, ки асоси онро ифодаи ихтиёрии шахс ба фаъолияти меҳнатӣ ташкил медиҳад. Дар баробари ин, вобаста ба хусусияти амалӣ намудани ҳуқуқи шахс ба меҳнат ду гурӯҳи ваколатҳо вуҷуд доранд - а) ҳуқуқ-ваколатҳое, ки татбиқи онҳо бо ифодаи иродаи субъекти ҳуқуқ ба меҳнат муайян карда мешавад, аз ҷумла, ҳуқуқи ихтиёрдории озодона ба қобилиятҳои худ дар меҳнат, интихоби намуди фаъолият ва касб, ҳуқуқ оид ба баҳсҳои меҳнатии инфиродӣ ва коллективӣ, ба монанди ҳуқуқ ба корпартоӣ; б) ҳуқуқ-даъвоҳое, ки татбиқи онҳо бо ифодаи иродаи субъектҳои дигари ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи ҳар кас ба меҳнат дар шароите, ки ба талаботи бехатарӣ ва санитарӣ ҷавобгӯ мебошад, ҳуқуқ ба музди меҳнати баробар барои кори якхела, ҳуқуқ ба ҳимоя аз бекорӣ, ҳуқуқи ҳар кас ба истироҳат (саҳ. 10).

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки танзими ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар қонунгузории соҳавии меҳнатӣ дорои як қатор хусусиятҳо мебошад, ки онро аз қонунгузории дигар соҳаҳо фарқ мекунонад. Вобаста ба он ки ҳуқуқи шахс ба меҳнат доираи васеи муносибатҳоро фаро мегирад, танзими онҳо дар доираи махдуди санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ имконнопазир аст (саҳ. 11).

Ба андешаи муаллиф, таҳти кафолатҳои ҳуқуқ ба меҳнат воситаҳо, усулҳо ва шароитҳое, ки дар қонунгузории меҳнат муқаррар шудаанд, фаҳмида мешавад, ки тавассути онҳо татбиқи ҳуқуқҳои ба корманд дар соҳаи меҳнат додашуда бевосита таъмин карда мешаванд. Кафолатҳои таъмин ва амалӣ намудани ҳуқуқи шахс ба меҳнатро муаллиф ба се гурӯҳ тақсим кард: кафолатҳое, ки пеш аз муносибатҳои меҳнатӣ амалӣ

мешаванд, кафолатҳое, ки дар раванди фаъолияти меҳнатӣ татбиқ карда мешаванд ва кафолатҳое, ки барқароркунии ҳуқуқҳои вайроншудаи меҳнатиро таъмин мекунанд (саҳ. 12)

Қобили зикр аст, ки рисолаи илмӣ дар заминаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, таҳлил (анализ) ва таркиб (синтез), мантиқӣ-расмӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо омода карда шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои илмӣ-амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар инкишофи илми ҳуқуқи конститутсионӣ, таҷдиди қонунгузории ҷорӣ ва бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдошта дар ин самт саҳмгузор бошанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Дар баробари андешаҳои болозикр нисбат ба автореферати диссертатсия чунин эродро манзур менамоем. Дар автореферат муаллиф санадҳои байналмилалиро ба ду гуруҳ ҷудо намудааст - умумӣ ва махсус. Аммо аз мазмуни автореферат норавшан аст, ки ин санадҳои байналмилалӣ то чи андоза дар қонунгузории миллӣ инъикос шудаанд. Хуб мешуд, ки дар ҷараёни ҳимоя рисоланавис якчанд мисоли мушаххасӣ татбиқи санадҳои байналмилалиии фарогири меъёрҳои меҳнатро дар қонунгузории ҷорӣ пешниҳод менамуд.

Бояд зикр кард, ки эроди мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомёфтаро коҳиш намедиҳад, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон дода, яке аз бартариятҳо дар раванди кори илмӣ маҳсуб меёбад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, дар маҷмуъ, хулоса баровардан мумкин аст, ки диссертатсияи омоданамудаи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмии

анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Сардори шуъбаи кадрҳо, котибот
ва корҳои махсуси Кумита оид ба
таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Назарзода Д.Қ.

Имзои Назарзода Д.Қ.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи ҳуқуқ, коргузорӣ ва назорат
Бобозода Ф.А. ________________
«_01_» ___04___ соли 2024

Суроға: ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, кӯчаи Дустии халқҳо 94.
Телефон: (992 37) 227-80-31; 902 77 66 22